Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

28 январи соли 2023
Шанбе
№ 8 (14916)
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ӮЗБЕКИСТОН – ҚИРҒИЗИСТОН: САФАРИ САМАРАБАХШИ АЗ СОЗИШНОМАҲОИ ТАЪРИХӢ ҒАНӢ

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров 26-27 январ ба ин кишвар сафари давлатӣ анҷом дод.

Чорабиниҳои асосии сафари давлатӣ 27 январ баргузор гардиданд.

Аввал, дар қароргоҳи «Ала-Арча»-и Бишкек маросими расмии мулоқоти сарвари давлатамон баргузор шуд.

Ба шарафи меҳмони олиқадр қаровули фахрӣ саф орост. Гимнҳои давлатии ҳар ду мамлакат навохта шуданд.

Президентҳо Шавкат Мирзиёев ва Садир Жапаров аз пеши сафи қаровули фахрӣ гузашта, ба якдигар аъзои ҳайатҳои вакилони расмиро шинос карданд.

Сипас Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Қирғизистон Садир Жапаров дар доираи маҳдуд мулоқот анҷом доданд.

Сарвари давлатамон барои даъват ва пазироии самимӣ изҳори миннатдорӣ намуда, қайд кард, ки дар давоми ду соли охир ҳамкориҳои Ӯзбекистону Қирғизистон пурсамар инкишоф ёфтанд.

– Қирғизистон шарики муҳими стратегӣ, ҳамсояи наздик ва дӯсти аз озмоиши давр гузаштаи мо мебошад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Таъкид шуд, ки муносибатҳои дуҷониба дар ду соли охир ба сатҳи комилан нав бароварда шуданд. Анҷоми делимитатсияи марзи Ӯзбекистону Қирғизистонро рӯйдоди таърихӣ номиданд.

Зимни мулоқот масъалаҳои рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, сармоягузорӣ, нақлиёту коммуникатсия, обу энергетика ва байниминтақавӣ баррасӣ шуданд.

Ба ҳукуматҳои ҳар ду мамлакат супориш дода шуд, ки масъалаҳои минбаъд ҳам зиёд кардани ҳаҷми муомилоти мол ва васеъ намудани доираи молфиристии байниҳамдигариро якҷоя кор карда бароянд.

Масъалаҳои татбиқи лоиҳаҳои нави муштараки сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, нассоҷӣ, энергетика, маъдани кӯҳӣ ва кишоварзӣ баррасӣ шуданд.

Ба ин мақсадҳо иқтидори Хазинаи рушди Ӯзбекистону Қирғизистон фаъолонатар истифода хоҳад шуд.

Сарони ду кишвар ҳамчунин масоили ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби сохторҳои минтақавӣ ва платформаҳои байналмилалӣ, масъалаҳои амнияту субот дар Осиёи Марказӣ ва муқовимати самарабахш бо чолишҳо ва таҳдидҳои замонавиро баррасӣ карданд.

Сипас музокирот дар ҳайати васеъ бо иштироки аъзои ҳайати расмӣ, роҳбарони як қатор вазоратҳо ва вилоятҳои ду кишвар идома дода шуданд.

Сарвари давлатамон бори дигар барои пазироии самимӣ ва меҳмоннавозӣ изҳори миннатдории амиқ намуда, махсусан қайд кард, ки Ӯзбекистон аз ислоҳоти бомуваффақияти иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар Қирғизистон таҳти роҳбарии Президент Садир Жапаров татбиқ мегарданд, самимона шод аст.

Бо қаноатмандӣ қайд карда шуд, ки муносибатҳои дуҷонибаи байни Ӯзбекистон ва Қирғизистон босуръат рушд мекунанд. Равобит дар сатҳи олӣ хусусияти пайваста ва пуршиддат пайдо кард ва ин имкон дод, ки ҳамкориҳо ба таври қобили мулоҳиза таҳким бахшида, нуқтаҳои нави рушд муайян карда ва ҳамкориҳои амалӣ густариш дода шаванд.

Ҷонибҳо азми қатъӣ ва омодагии худро барои амиқсозии шарикии дуҷонибаи стратегӣ изҳор доштанд. Таъкид шуд, ки Шартномаи таърихии дар бораи сарҳадҳо баимзорасидаро халқҳои бародари мо бо рӯҳбаландии бузург қабул карданд.

Президент Шавкат Мирзиёев афзалиятҳои асосии ҳамкории мутақобилан судмандро муайян намуд. Ин, дар навбати аввал, зиёд кардани ҳаҷм ва васеъ намудани номгӯйи савдои тарафайн мебошад.

Ба ин мақсад ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки масъалаҳои иваз кардани воридотро аз кишварҳои сеюм ба маҳсулоти арзони истеҳсолкунандагони мо, инчунин таъсиси марказҳои савдоро дар пойтахтҳои ду кишвар таҳия намоянд.

Дар доираи кооперативсияи саноатӣ пешниҳод шуд, ки лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ ба маблағи тақрибан 500 миллион доллар таҳия карда шаванд. Ин истеҳсоли мошинҳо, техникаи замонавии маишӣ, масолеҳи бинокорӣ, истихроҷи якҷоя ва коркарди канданиҳои фоиданок мебошад.

Роҳбари кишварамон боз як самти муҳими ҳамкорӣ дар заминаи бехатарии озуқавориро ба сифати таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаи кишоварзӣ таъкид кард.

Ба ин татбиқи барномаи кооперативсияи кишоварзӣ, ки роҳандозии лоиҳаҳои муштаракро оид ба рушди боғҳои интенсивӣ ва гармхонаҳо, интиқоли картошка, меваву сабзавот ва маҳсулоти чорвопарварӣ, рӯёндани молҳои кишоварзӣ пешбинӣ мекунад, хидмат хоҳад кард.

Президенти Ӯзбекистон ҳамчунин муҳимияти густариши шарикӣ ва робитаҳои мустақими байни минтақаҳои ду кишварро таъкид намуд.

Ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт ва логистика аз ҷиҳати стратегӣ аҳамиятнок муайян шуданд. Дар мавриди фаъолгардонии корҳо оид ба сохтмони роҳи оҳани «Чин – Қирғизистон – Ӯзбекистон», ба ҳадди аксар расондани иқтидори шоҳроҳи автомобилгарди «Андиҷон – Ӯш – Иркештом», ба ин мақсад созмон додани ширкати муштараки нақлиётиву логистикӣ мувофиқа ҳосил шуд.

Дар рафти музокирот ба ҳамкорӣ дар бахши энергетика таваҷҷуҳи махсус дода шуд. Зарурати пурзӯр намудани саъю кӯшиши муштарак оид ба татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи гидроэнергетика, аз ҷумла сохтмони Нерӯгоҳи барқии обии Қамбарота-1 таъкид гардид.

Сарвари давлатамон ҳамчунин аҳамияти густариши ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳангу гуманитариро қайд кард. Як қатор ташаббусҳои дақиқ, ки ба таҳкими риштаҳои дӯстии байни халқҳои мо, ки онҳоро таъриху дин, забону фарҳанги муштарак ба ҳам мепайванданд, ба миён гузошта шуданд.

Таҷлили густардаи 95-солагии адиби барҷастаи қирғиз Чингиз Айтматов, намоиши муштараки спектакл дар маросими ифтитоҳи Театри мусиқии драмавии ӯзбеки ба номи Бобур дар шаҳри Ӯш, фароҳам овардани формати нав – муколамаи наслҳо бо ҷалби фаъоли зиёиён ва ҷавонон, баргузор намудани спартакиадаҳои донишҷӯён, ҷашнвораву консертҳои муштарак, чорабиниҳои эҷодӣ аз ҷумлаи онҳост.

Пас аз анҷоми музокироти сатҳи олӣ маросими имзо ва табодули ҳуҷҷатҳо ба амал омад.

Президент Шавкат Мирзиёев ва Президент Садир Жапаров ба Эъломия имзо гузоштанд, ки он муносибатҳои дуҷонибаро ба дараҷаи сифатан нави шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ мебарорад.

Дар ҳузури сарони давлатҳо инчунин мубодилаи созишномаҳои имзошудаи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ, байниидоравӣ низ сурат гирифт. Ҳамагӣ 25 ҳуҷҷат ба имзо расид, аз ҷумла:

– Протокол дар бораи табодули грамотаҳои ратификатсионии Шартнома дар бораи қитъаҳои алоҳидаи Сарҳади давлатии Ӯзбекистону Қирғизистон;

– Созишнома дар бораи ҳамкорӣ оид ба ташкили истеҳсоли воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон;

– Барномаи шарикии стратегии тиҷоративу иқтисодӣ барои солҳои 2023-2025;

– Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирӣ ва барҳам додани ҳолатҳои фавқулода;

– Протокол ба созишнома дар бораи сафарҳои мутақобилаи шаҳрвандон;

– Протокол дар бораи ворид намудани тағйирот ба Меморандум дар бораи таъсиси Шӯрои сарони вилоятҳои наздисарҳадӣ.

Байни вазоратҳо ва идораҳо созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, энергетика, гумрук, рушди самтҳои афзалиятноки саноат, инноватсия ва тадқиқотҳои илмӣ, дастгирии ҷавонон, инчунин Нақшаи таҷлили 30-солагии истиқрори муносибатҳои дипломатӣ ба имзо расид.

Инчунин барномаҳои маҷмӯъгӣ оид ба густариши ҳамкорӣ дар солҳои 2023-2025 байни вилоятҳои Ҷиззах ва Иссиққӯл, Андиҷон ва Ӯш, Фарғона ва Боткен, Намангон ва Ҷалолобод ба имзо расиданд.

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Қирғизистон Садир Жапаров пас аз музокирот барои намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ брифинг баргузор намуданд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

КОРХОНАИ НАВ ДАР РОМЕТАН

Дар минтақаи инноватсионии ноҳияи Рометан маросими кушодашавии корхонаи ҶММ «Gold pharm mushrooms», ки бо татбиқи «Лоиҳаи иловаи фаъоли биологии барои саломатии инсон зарур ва технологияи расондани навъҳои занбӯруғҳои истеъмолкунӣ» сарукор дорад, ба амал омад.

Дар он ҳокими ноҳия Умедҷон Барноев, сардори Садорати ҳудудии рушди инноватсионии вилояти Бухоро Азамат Наимов, роҳбарони секторҳо, ҷонишинони ҳокими ноҳия, соҳибкорон ва фаъолони маҳалла иштирок карда, ба фаъолияти минбаъдаи корхона дархостҳои нек орзу карданд. Сипас лентаи рамзӣ бурида шуда, ҳозирон бо имконияту шароити фароҳам овардашудаи корхонаи истеҳсол ва азнавкоркунии занбӯруғ шинос шуданд.

Лоиҳа бо 930 миллион сӯм маблағи Вазорати рушди инноватсионӣ бунёд гардида, дорои 12-то ҷойи корӣ аст. Ҳоло дар ин ҷо занбӯруғҳои навъи шампинён, вешенка, рейше, трамафес, геритсум рӯёнда мешавад. Дар корхона ҷараёни азнавкоркарди занбӯруғҳои истеъмолӣ, қадоққунӣ, истеҳсоли навъҳои доруворӣ ва иловаи фаъоли биологӣ оғоз ёфтааст.

А. АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ҲАҶМИ УМУМИИ САРМОЯҲОИ ХОРИҶӢ НАЗДИКИ ЯК МИЛЛИАРД ДОЛЛАРРО ТАШКИЛ НАМУД

Мувофиқи натиҷагириҳои соли 2022 вилояти Фарғона аз рӯи ҷалб ва азхудкунии сармояҳои хориҷӣ ба дастовардҳои хеле бузург ноил шудааст. Гуфта мешавад, ки ин рақам нисбат ба ҳаҷми умумии сармояҳои хориҷӣ дар соли 2021 445 миллион доллар зиёд аст. Ба ҳисоби фоиз он 187 дарсад арзёбӣ мегардад. Дар ин бора дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят хабар медиҳад.

Аз рӯи ҳисобу китоб сармояҳои воридгардида бештар ба саҳми Чин (375,1 миллион доллар), Русия (190,3 миллион доллар) рост меояд. Теъдоди кишварҳое, ки ба корхонаву муассисаҳои Фарғона сармоя ворид намудаанд, 30 ададро ташкил мекунад.

Вилояти Фарғона дар мавриди ривоҷ додани саноат дар ҷумҳурӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад. Дар соли 2022 соҳаҳои ҷолибтарине, ки сармоягузорони хориҷӣ интихоб кардаанд, ғайр аз корхонаҳои мухталифи саноат, инчунин соҳаҳои маориф, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва амсоли онро фаро гирифтааст. Соҳаҳои IT ва технологияи инноватсионӣ низ динамикаи хуби рушди ин вилоятро нишон медиҳанд.

Яке аз маҷмааҳои нави марбути саноати сабук ва логистика дар ноҳияи Учкӯпрук сохта шудааст. Соли гузашта Президент аз ин маҷмаа боздид намудаву барои ривоҷи ҳарчи бештари ин соҳа ба дастандаркорони вилоят пешниҳоду тавсияҳои худро додааст. Дар ноҳия аз ҳисоби занони дӯзанда, соҳибкорзаноне, ки корхонаҳои оилавӣ ташкил намуда, ғайр аз аҳли хонаводаи худ, инчунин занону духтарони маҳалро низ бо кор таъмин кардаанд, хеле зиёданд. Онҳо дар шароити хеле хуб кор мекунанд ва аз ин ҳисоб ба рушди тиҷорат саҳми босазо мегузоранд.

Ин маҷмаа аз ваъдаи Президент ва суҳбату дидори ӯ бо занони соҳибкор як сол пеш, яъне соли 2021 сарчашма гирифтааст. Соли 2021 "Дар бораи чораву тадбирҳои рушду ривоҷи шабакаҳои савдо, логистика ва истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук дар ноҳияи Учкӯпрук" қарори Президент қабул карда шуд.

Соли 2022 Агентии рейтинги байналмилалии "Standard&Poor"s" эътироф намудааст, ки буҷаи вилояти Фарғона ба нишондиҳандаҳои баланд ноил шудааст ва ягон намуди қарздорӣ мавҷуд нест. Барои ҳамин ин агентӣ ба вилояти Фарғона дараҷаи В+ , яъне рейтинги кредити пешгӯии «Барқарор»-ро муносиб донистааст. Гузашта аз ин, баёнгари он мебошад, ки барои сармоягузорони хориҷӣ то чӣ андоза ин минтақа ҷолиб шумурда мешавад.

– Агар фароҳам овардани як қатор шароити мусоид барои сармоягузорону соҳибкорони хориҷӣ дар вилоятро мушаххас нишон диҳем, шумораи корхонаҳои дорои сармояи хориҷӣ ба 596 адад расидааст. Шумораи ин корхонаҳо нисбат ба соли 2020 ба 188 зиёд мебошад, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ нишондиҳандаи хеле баланд маҳсуб меёбад, – мегӯяд ноиби ҳокими вилоят Иқболҷон Эргашев.

Ба таъкиди ӯ Чин бо 145 корхона дар вилояти Фарғона аз рӯи шумораи бештари корхонаҳое, ки бо иштироки сармояҳои хориҷӣ фаъолият мекунанд, дар сафи аз ҳама пешсаф қарор гирифтааст. Дар пайи он 142 корхона бо Русия, 69 корхона бо Туркия, 44 корхона бо Кореяи Ҷанубӣ, 41 корхона бо Қирғизистон ва 15 корхона бо ширкати сармоягузории Эрон машғул ба фаъолият мебошанд.

Ташкилу таъсиси чандин минтақаи хурди саноатӣ мусоидат намудааст, ки дар ҳудудҳои гуногуни вилоят корхонаҳои гуногуни саноатӣ арзи вуҷуд намоянд.

Нукоти басо муҳим содири маҳсулоте мебошад, ки маҳз дар минтақаҳои хурди саноатӣ истеҳсол мегардад. Ин маҳсулот тавонист, ки вуруд ё импорти маҳсулоти зиёд аз хориҷи кишвар ҷилавгирӣ ва баръакс, соҳибкорони фарғонагӣ аз ташаббускорони асосии лоиҳаҳои тозабунёд гарданд. Субъектҳои соҳибкорӣ, ки дар минтақаҳои хурди саноатӣ ба кор шурӯъ намуданд, аз хориҷ сармояҳои зиёдро ҷалб карданд. Ин соҳибкорон аз андози замин ва амвол озод гардиданд.

Ғайр аз ин, пайваста сохтани роҳҳои ба талаби замон ҷавобгӯ, дастрас намудани гази табиӣ, манбаи об, нерӯи барқ ҷиҳати амалӣ шудани корҳои бузург ва ба вуҷуд омадани иқтидорҳои иловагӣ гардид ва имкон дод, ки арзиши аслии маҳсулот барои эҳтиёҷи дохилӣ арзон, аммо сифати он баланд гардад.

Танҳо дар минтақаи хурди саноатии "Фарғона механика"дар ивази 33,9 миллиард сӯм 6 лоиҳа татбиқ гардид ва дар маҷмӯъ 246 ҷои нави кор фароҳам овард. Дар ду моҳи аввал 390,5 миллион сӯмина маҳсулот истеҳсол карда шуд ва ҳаҷми содирот 10,6 ҳазор доллари амрикоиро убур намуд.

Метавон гуфт, ки вилояти Фарғона сол аз сол ба манзури ҷалби ҳарчи бештари сармояҳои хориҷиву дохилӣ ва аз ин ҳисоб бунёд намудани корхонаҳои гуногуни саноатӣ талошҳои зиёд ба харҷ медиҳад. Он ҳама барои таъмини фаровонии мардум ва аз ҳаёт розӣ кардани онҳо нигаронида шудааст.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
"Овози тоҷик".
Вилояти ФАРҒОНА.

ЎЗБЕКИСТОН — ҚИРҒИЗИСТОН: САФАРИ САМАРАБАХШИ АЗ СОЗИШНОМАҲОИ ТАЪРИХӢ ҒАНӢ

(Аввалаш дар сах. 1).

– Рамзӣ аст, ки сафари давлатии мо дар соли 30-юмин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатӣ байни Ўзбекистон ва Қирғизистон сурат мегирад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Сарвари Ўзбекистон ба натиҷаи мулоқотҳои сатҳи баланд, ки дар рӯҳияи боварибахш ва созанда баргузор гардид, баҳои баланд дод. Вай қайд кард, ки ҷонибҳо самтҳои асосии ҳамкориҳои гуногунҷанбаро муфассал баррасӣ намуда, барои амиқтар гардондани он қарорҳои мушаххас қабул карданд.

Таъкид гардид, ки дар муносибатҳои дуҷониба ба имзо расидани Шартнома дар бораи қитъаҳои ҷудогонаи Сарҳади давлатии Ўзбекистону Қирғизистон рӯйдоди воқеан таърихӣ мебошад.

– Пурра танзим намудани масъалаи делимитатсияи сарҳад бешубҳа дар рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва табодули сарҳадӣ нақши муҳим бозида, ба таҳкими суботу амният дар минтақаи мо мусоидат хоҳад кард, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки дар натиҷаи гуфтушунидҳо қабул гардид, Эъломия оид ба шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ буд. Тавре Сарвари давлат қайд кард, ин оғози марҳилаи нави рушди ҳамкориҳои гуногунҷанба ба манфиати кишварҳову халқҳои мост.

Афзалияти муҳимтарин дар ҳамкорӣ тавсеаи кооператсияи тиҷоратӣ ва саноатӣ мебошад. Дар тӯли солҳои охир гардиши мол миёни кишварҳо 7 баробар афзоиш ёфта, ба 1,3 миллиард доллар расидааст.

Дар назди ҳукуматҳои кишварҳо вазифа гузошта шуд, ки гардиши мол, аз ҷумла аз ҳисоби ивазкунии фаъоли воридот ва бунёди марказҳои савдо ба 2 миллиард доллар расонда шавад.

Барои татбиқи бомуваффақияти ин мақсад қарордодҳо ва созишномаҳо ба маблағи 1,6 миллиард доллар, ки дар рафти форуми тиҷоратӣ ба имзо расиданд, хидмат хоҳанд кард.

Дар байни лоиҳаҳои бузурги кооператсия роҳандозии истеҳсоли мошинҳо, масолеҳи сохтмон, маҳсулоти нассоҷӣ ва ришта, молҳои электротехникӣ ва ҳисобкунакҳои электронӣ мебошанд.

Ҷонибҳо аз татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ дар соҳаи энергетика ва истихроҷ, аз ҷумла саноати ангишт бо иштироки корхонаҳо ва сармоягузорони ду кишвар манфиатдоранд.

Барои дар асоси низом ташкил намудани ин корҳо фонди рушди Ўзбекистону Қирғизистон васеъ гардонда, Барномаи маҷмӯгии шарикии стратегии тиҷоративу иқтисодӣ барои солҳои 2023-2025 ва Созишнома дар бораи рушди самтҳои афзалиятноки саноат қабул шуданд.

Ҷонибҳо дар доираи таъмини бехатарии озуқаворӣ ба мувофиқа расиданд, ки бо дарназардошти эҳтиёҷоти кишварҳои мо маҳсулоти кишоварзиро якҷоя рӯёнанд ва интиқол диҳанд.

Самти дигари стратегӣ рушди коммуникатсияи нақлиёт мебошад.

– Муваффақияти саъю кӯшишҳои мо аз бисёр ҷиҳат аз ҳамкории самарабахш дар соҳаи нақлиёт вобаста аст, – изҳор кард Президенти Ўзбекистон.

Дар ҷараёни музокирот роҳбарон ба тавофуқ расиданд, ки саъю кӯшишҳо барои сохтмони роҳи оҳани Чин – Қирғизистон – Ўзбекистонро фаъол созанд. Соҳаи энергетика, аз ҷумла масъалаҳои сохтмони муштараки Неругоҳи барқии обии Қамбарота-1 мавриди баррасии муфассал қарор гирифт.

– Ин мегалоиҳа, бешубҳа, ба рушди устувори натанҳо Ўзбекистон ва Қирғизистон, балки тамоми минтақа хидмат мекунад, – қайд намуд Шавкат Мирзиёев.

Дар музокирот ба фаъолсозии робитаҳои байниминтақавӣ таваҷҷуҳи хоса дода шуд. Мунтазам гузаронда шудани ҷамъомадҳои Шӯрои сарони вилоятҳои наздисарҳадӣ ба амиқсозии онҳо хидмат мекунанд.

Ба таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳангиву гуманитарӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Таъкид гардид, ки Театри мусиқии драмавии ўзбеки ба номи Бобур, ки дар шаҳри Ўш таҷдиди он ба охир мерасад, рамзи дурахшони дўстии ду халқи бародар мегардад.

Бо ҳамин сафари Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ба Ҷумҳурии Қирғизистон анҷом ёфт.

ЎзА.

Дар ҳошияи Муроҷиатнома

ЎЗБЕКИСТОН — КИШВАРИ ДӮСТӢ ВА ТАҲАММУЛПАЗИРӢ

Сарвари давлатамон дар Муроҷиатномаи худ таъкид карда буд, ки дӯстии байни миллатҳо ва таҳаммулпазирӣ барои дурнамоии мардуми мо ва рушди кишвар муҳим буда, «Новобаста аз миллат, забон ва мазҳаб ҳар як шаҳрванде, ки Ўзбекистонро ватани худ медонад ва дар рушди он саҳм мегузорад, минбаъд низ дар мавриди таваҷҷуҳи давлату ҷомеаи мо қарор хоҳад гирифт.

Мо барои боз ҳам мустаҳкам кардани фазои дӯстии байни миллатҳо, ҳамбастагии конфессияҳои динӣ, таҳаммулпазирии иҷтимоӣ ва имкониятҳоямонро сафарбар хоҳем кард», ки ин фикру андешаҳои хирадмандона, намояндагони тамоми миллатҳои кишварамонро руҳбаланд гардонд.

Ман аз деҳаи Қароқӯрғони ноҳияи Чустам, ки бо Қирғизистон ҳаммарз аст. Дар ин ҷо ўзбекҳо, қирғизу тоҷикон, қипчоқу русҳо умр ба сар мебаранд. Намояндагони ҳамаи миллатҳое, ки мақсади ягона доранд, бо вуҷуди он, ки забонашон гуногун дар ҳамфикри зиндагӣ мекунанд. Онҳо дар мактаби миёнаи таълими умумии 32-юм ба забони ўзбекӣ таҳсил мегиранд.

Миллати падарам қирғиз ва модарам ўзбек аст. Дар хона асосан ба забони қирғизӣ гап мезанем. Кӯдак будам. Ба модаркалонам гирякунон мегуфтам, ки «Маро бачаҳо ба сафашон ҳамроҳ намекунанд, ба ҳолам механданд, ки қирғизӣ гап мезанам». Бибиам бошад, «Майлаш бачем, ин айб нест, шариконат шӯхӣ мекунанд-дия, бо онҳо ўзбекӣ гап зан, охир ин забонро медонӣ. Аслан мардумро аз якдигар ҷудо кардан кори нағз нест. Ту бачаи доно ҳастӣ, чаро бо забони ўзбекиву қирғизиву тоҷикӣ гап намезанӣ. Мақоли «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ» беҳуда гуфта нашудааст. Замоне меояд, ки донистани забонҳои гуногун ба ту кумак мерасонад, ба рӯят дарҳои калонро боз мекунад ва калиди бахту омад мегардад. Дар ин лаҳза суханони маро ба ёд меорию мегӯӣ, ки бибиам рост гуфтааст...»

Ин воқеаро беҳуда ба ёд наовардам. Натиҷаи корҳое, ки дар ҳар як соҳа ба ҷо оварда мешаванд, навсозиҳое, ки имрӯз дар мамлакатамон ба амал меоянд, дида дили инсонро ифтихор фаро мегирад. Хусусан дӯстии миллатҳо, ҳамраҳӣ, ҳамсоягии нек далели амалии ин таҳаммулпазирист.

Журналист шудан орзуи кӯдакии ман буд. Бо ин мақсад ҳар сол ҳуҷҷатҳоямро ба донишгоҳ месупоридам, аммо аз имтиҳон гузашта наметавонистам. Вале пас нагаштам, сӯйи мақсад диловарона меҳнат кардам. Чуноне ки бибиам гуфта буданд, забондониам низ ба ман ёрӣ расонд, ки дар ин соҳа фаъолият барам.

Дар ин маврид ҳодисаи дигарро ба хотир овардан хостам. Бо умеди он, ки касе барои дар рӯзнома кор карданам кумак кунад, ба Иттифоқи эҷодии журналистон рафтам. Ман фикр мекардам, ки ин роҳи дуруст аст. Шоири маъруф Саъдулла Ҳаким (руҳашон шод бод!) мақсадамро фаҳмида, ҳангоми бо ҳуҷҷатҳоям шинос шудан бо самимият гуфтанд: «Забонҳои қирғизиву тоҷикиро ҳам медонед? Офарин, пас шуморо ба кор мегирем, ғайратманд бошед!»

Пас аз муносибати саминии муаллим ба талаба, ман ғӯё дар осмони ҳафтум парвоз кардам ва эҳсос намудам, ки насиҳати дуои модаркалонам мустаҷоб шудааст.

Ислом АСИЛБЕКОВ,
хатмкунандаи ДЖКО,
дорандаи ҷоизаи «Мард ўғлон».

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

ДАР БОРАИ ЧОРАБИНИҲО ОИДИ МУСТАҲКАМ КАРДАНИ НИЗОМИ МИНБАЪДАИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ БЕМОРИЕ, КИ ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСНУИЯТИ ИНСОНРО БА ВУҶУД МЕОРАД

Бо мақсади таъмини иҷрои вазифаҳои дар доираи мулоқоти кушоди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бо намояндагони соҳаи тандурустӣ муайяншуда, ки дар мавзӯи «Ислоҳот дар соҳаи тиб – ба хотири шаъну шарафи инсон» баргузор гардид, инчунин минбаъд баланд бардоштани сифати пешгирӣ, ташхис ва табобати сирояти вируси норасоии маснуияти одам, васеъ намудани фарогирии аҳолӣ бо муоинаи сирояти вируси норасоии маснуияти одам, расонидани кумаки баланди тиббию равонӣ ва иҷтимоӣ ба беморон, пурра бо дорувории зарурӣ таъмин намудани онҳо ва таҳкими ҳифзи иҷтимоӣ:

1. Барномаи тадбирҳои комплексӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии муборизаи алайҳи паҳншавии сирояти вируси норасоии маснуияти одам дар байни аҳолӣ барои солҳои 2023-2027 (минбаъд – Барнома) мутобиқи замима тасдиқ карда шавад.

Ба эътибор гирифта шавад, ки Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид стратегияи “95-95-95”-ро барои хотима додан ба эпидемияи сирояти вируси норасоии маснуияти одам то соли 2030 пешниҳод кардааст, ки дар чаҳорчӯби он 95 дарсади шахсони мубталои вируси норасоии маснуияти одам бояд аз вазъи худ огоҳ бошанд ва таҳти муолиҷаи махсус фаро гирифта шаванд, дар хуни 95 фоизи беморон сатҳи сарбории вирусӣ бояд то ба таври номуайян кам карда шавад.

Барои амалӣ намудани тадбирҳо тибқи стратегияи мазкур Вазорати тандурустӣ якҷоя бо Вазорати иқтисод ва молия гузаштан ҷудо намудани маблағро дар ҳаҷми **120 миллиард сўм** ва **54 миллион доллари ИМА** дар солҳои 2023-2027 аз ҳисоби Буҷети давлатӣ, Фонди глобалии муборизаи бо СПИД, сил ва варача, маблағҳои қарзии Бонки осиёии рушд ва Бонки осиёии сармоягузории инфрасохторӣ **ҷиҳати хариди системаҳои тестӣ ва дорухои зиддиретровирусӣ,** рушди **заминаи моддию техникӣ, баланд бардоштани донишу малакаи мутахассисони** марказҳои муборизаи бо СПИД ва лабораторияҳои ташхисии байниноҳиявии онҳо, гузаронидани **корҳои** густурдаи **тарғиботӣ** ва дигар чорабиниҳои ташкилӣ бо мақсади барвақт ошкор намудан, ташхис гузоштан ва баланд бардоштани сифати табобати ВНМО дар байни аҳолӣ, таъмин намоянд.

2. Ба Вазорати тандурустӣ (Иноятов А.) супурда шавад, ки:

а) дар соли 2027 инҳоро таъмин намояд:

ба 95 фоиз расондани нишондиҳандаи шахсони гирифтори ВНМО, ки аз ҳолати худ бохабаранд ва бо курсҳои махсуси табобат фаро гирифта шудаанд, дараҷаи сарбории вирусии хуни онҳо то ба таври ошкорнашаванда паст шудааст;

рафъи интиқоли ВНМО **аз модар ба кӯдак;**

б) якҷоя бо Вазорати адлия **ҳамкории электронии** мақомоти ҚАҲШ ва муассисаҳои дахлдори тиббиро ба воситаи платформаи байниидоравии ҳамгароии низоми “Ҳукумати электронӣ” дар шаҳри Тошканд ва вилояти Сирдарё – ба муҳлати то **1 июни соли 2023**, дар минтақаҳои дигар – ба муҳлати **то охири соли 2023** ба мақсади роҳандозии амалӣ намудани раванди гузаронидани муоинаи ҳатмии тиббӣ ба сирояти вируси норасоии маснуияти одам шахсоне, ки тавассути низоми электронӣ акди никоҳ мекунанд, **ташкил кунад;**

в) то охири соли 2023 системаи электронии иттилоотиро таъсис диҳад, ки имкони таъмини мониторинги ҳолатҳои ошкоршудаи сирояти вируси норасоии маснуияти одам, назорати ҳаракати доруворӣ ва ташхисро дар вақти воқеӣ, инчунин ҷорӣ кардани мубодилаи мутақобилаи маълумот бо Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати адлия ва Бунёди нафақаи назди Вазорати иқтисодиёт ва молия бо роҳи ҳамгароӣ ба ин низом бо пойгоҳи электронии онҳо фароҳам орад;

г) дар муҳлати ду моҳ якҷоя бо Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати шуғл ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Вазорати сиёсати ҷавонон ва варзиш, Кумитаи оид ба корҳои дин, вазорату идораҳои манфиатдор ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ Барномаи чорабиниҳои байниидоравӣ оид ба дастгирии иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, маънавӣ, тиббию равонии шахсони гирифтори ВНМО, махсусан дар байни ҷавонон, гузаронидани корҳои густурдаи фаҳмондадиҳӣ ва маърифатӣ оид ба паҳншавии сирояти ВНМО, таҳкими арзишҳои оилавӣ ва маънавию ахлоқӣ дар ҷомеа тасдиқ намояд.

3. Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд якҷоя бо Вазорати тандурустӣ татбиқи «харитаҳои роҳ» оид ба пурзӯр гардондани низоми муборизаи бо ВНМО дар соли 2023, дар солҳои 2024-2026 таҳия намудани «харитаҳои роҳ» дар даврои дахлдор дар қисмати минтақаҳо таъмин намоянд.

4. Девони Вазирон **дар ҳар шаш моҳ** вазъияти иҷрои тадбирҳои дар Барнома муайяншударо аз нуқтаи назари танқидӣ муҳокима намояд, нисбат ба роҳбарони вазорату идораҳои масъул барои чорабиниҳое, ки дар муҳлати муқарраршуда ва пурра ба ҷо оварда нашудаанд, чораҳои дахлдор бинад.

5. Вазорати иқтисод ва молия ҳамасола ҳангоми ташаккули параметрҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон маблағҳои заруриро барои татбиқи Барнома пешбинӣ намояд.

6. Вазорати тандурустӣ якҷоя бо Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ, Агентии миллии иттилоотии Ўзбекистон ва Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон инъикоси мунтазам ва васеъро дар байни аҳолӣ оид ба аҳамияти муборизаи бо сирояти ВНМО ба воситаи мақолаҳо, барномаҳои телевизионӣ ва радиошунавонӣ оид ба масъалаҳои муҳими сирояти ВНМО, ки дар Барнома муайян шудааст, таъмин намояд.

7. Вазорати нигаҳдории тандурустӣ якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор **дар муҳлати ду моҳ** ба Девони Вазирон дар бораи тағйироту иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ, ки аз қарори мазкур бармеоянд, таклифҳо пешниҳод намояд.

8. Масъулияти шахсӣ барои ташкили самарабахши иҷрои қарори мазкур ба зиммаи вазири тандурустӣ А.Ш.Иноятов, Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд гузошта шавад.

Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А. Н. Арипов ва муовини аввали мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Л. Н. Тӯйчиев гузошта шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон
Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД,
20 январи соли 2023.

ХАБАРҲО

АВТОМОБИЛҲОИ НАВ БА СОХТОРИ ТАНДУРУСТӢ

Дар сохтори Вазорати тандурустӣ муттасил корҳои давра ба давра иваз кардани нақлиёти куҳна ба воситаҳои нақлиётии замонавӣ пеш бурда мешавад.

Volkswaqen Caddy автомобилест барои расонидани кумаки таъҷилии тиббӣ, ки маҳсули заводи Ҷиззах мебошад. То рӯзҳои наздик дар тасарруфи Вазорати тандурустӣ ҷамъ 2938 автомобили хидматӣ мавҷуд буд. Ба вазорат боз 110 адад ин гуна автомобилҳои молик ба ҳар гуна шароитҳои замонавӣ супурда шуд, ки имрӯзҳо ба ҳудудҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ фиристода мешаванд.

Дар лоиҳасозӣ ва ҷиҳози техникии автомобилҳои нав, тавре ишора рафт, барои офаридани қулайиҳо барои шифокорон ва беморҳо эътибори алоҳида дода шудааст.

РУСИЯ БА ЎЗБЕКИСТОН ГАЗИ ТАБИӢ МЕДИҲАД

Маълум, ки хати қубурҳои газгузари “Осиёи Марказӣ – Марказ” аз ҳудудҳои Туркманистон, Ўзбекистон, Қазоқистон ва Русия мегузарад. Назар ба маълумотҳо, магистрал тақрибан 2700 километр тӯл кашидааст. Қувваи солонаи он бештар аз 80 миллиард кубометр аст.

Вазири энергетикаи ҷумҳурӣ гуфтааст, аз 1 марти соли равон Русия ба Ўзбекистон интиқоли гази табииро оғоз менамояд. Ин бешубҳа дар ҳалли муаммову масъалаҳо вобаста ба норасоии гази табиӣ нақши муҳим хоҳад бозид. Интизор меравад, рӯзҳои наздик нуқтаҳои таъмини сӯзишвории газ фаъолияти худро барқарор месозанд.

МИКРОАВТОБУСҲО БОЗ ДАР РОҲҲОИ ФАРҒОНАЮ ҚИЗИЛҚИЯ

Аз 26 январ ҳаракати микроавтобусҳо дар хати байналхалқии Фарғона – Қувасой – Қизилқия, ки бинобар пандемия қатъ ёфта буд, барқарор гашт.

Масоҳати умумии он 39,5 километрро ташкил менамояд.

Дар равуои аҳолии вилоятҳои ҳамҳудуди Фарғона ва Боткон ин роҳ аҳамияти муҳим касб менамояд, ки бо шарофати ташрифи роҳбари давлати мо ба ҷумҳурии ҳамсоя аз нав кушода шуд.

Оянда талаб ва эҳтиёҷи аҳолиро ба назари эътибор гирифта, зиёд сохтани рейсҳо ба нақша дароварда шудааст.

РЕЖИМИ ПЕШТАРА БАРҚАРОР ГАШТ

Бинобар сардшавии ғайриодатии ҳаво дар чиллаи зимистон аз 15 январ дар шаҳри Тошканд як қатор шохобчаҳои савдо ва хидматрасонӣ, марказҳои тиҷоратии дилкушо ва боғҳои истироҳатӣ ба режими кории кӯтоҳшуда гузашта буданд.

Мақсад – сарфа кардани энергияи барқ. Ҳоло, ки обуҳаво андак мусоид шудааст, аз 26 январ ҳокимияти шаҳр ин гуна маҳдудиҳоро бекор намуд.

Акнун шохобчаҳои савдою марказҳои хидматрасонӣ ва боғҳои истироҳатӣ ба режими пештара баргашта, аз даҳи субҳ то соати 17 фаъолият ба роҳ мегузоранд.

М. ШОДИЕВ,
мухбири “Овози тоҷик”.

Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат

ШУЪЛАВАРТАР БОШ, ЧАРОҒИ ДОНИШ!

28-уми декабри соли гузашта доктори фанҳои педагогӣ, инсони накуном Юсуф Абдуллоев зодрӯзи худро ҷашн мегирифт. Ба ҳамин муносибат табриккунандагон аз бисёр гӯшаву канори ҷаҳон занг мезаданд. Яке ба тоҷикӣ, боз ба русию англисӣ, корейсию хитоӣ. Соҳибҷашн ба ҳама арзи сипос намуда, чун одат суханҳои дилнишину гуворо мегуфт.

Тазоди зиндагиро бинед, ки маҳз ҳамон рӯз Фармони сарвари давлат оид ба стратегияи рушди Ўзбекистони Нав дар солҳои 2022-2026 интишор ёфт ва дар он дар кишвари мо ба 50 адад расондани шумораи муассисаҳои таълими олии ғайридавлатии хориҷӣ, аз ҷумла таъсис додани Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд таъкид гардида буд, ки бо фаъолияти ин инсони маърифатпарвар вобаста шуд.

Роҳбари Раёсати идораи бонуфузи Эриэл, раиси васоят, яъне ҳомии омӯзиш, эҳё ва оммавикунии мероси маданиии ҷаҳонӣ Бахтиёр Фозилов ўро назди худ хонд ва гуфт, ки шумо аз асосгузорони Донишкадаи забонҳои хориҷии Самарқанд, дар ин соҳа тачрибаи кофӣ доред. Аз ҳамин сабаб мо қарор додем, ки роҳбарии ин дорулфунуни навбунёдро ба зиммаи шумо гузорем.

Ӯ аз таклифи ногаҳонӣ дар ҳайрат монда, барои маслиҳату андеша вақт пурсид.

– О, дадаҷонаш, – гуфт ҳамсараш Зебо, – ҷариб 60 сол бо меҳнат банд будед. Гашти пирӣ ронед, нағз нест?

– Дуруст, – тасдиқомез сар ҷунбонд ӯ, – вале бузургон фармудаанд:

Илм дорӣ, зи кас мадор дареғ,
Бар дили ташнагон бибор чу меғ!

– Фаҳмо. Аммо навакак дар Тошканд бо фароғат зиндагӣ мекардем.

– Самарқанд аз Тошканд кам не, – бо табассум гуфт шавҳар, – рахти сафар бастан лозим.

Ӯ ба зодгоҳ омад ва тӯли қариб як сол ҳамчун ректори Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд бо ташвиши мактаби олии навбунёд давуғеҷ кард ва ба муроди дил расид. Дар навбати аввал бинои собиқ омӯзишгоҳи нақлиёти Самарқандро ба иҷора гирифт. Ба маскани нави илм олиму профессорони машҳури Амрико, Англия, Полша, Италия, Ҳинд, Кореяи Ҷанубӣ ва қитъаи Африқоро таклиф намуд.

Чанде пеш дар самти тадбиркорӣ, менеҷмент ва технологияи хабарӣ 35 нафар дар асоси имтиҳонҳои шаффоф қабул шуданд. Ҳамин тариқ дар донишгоҳ ҷараёни таҳсил оғоз ёфт. Мо ба ин муносибат бо ректори он, профессор Юсуф Абдуллоев суҳбат ороста, ба чанд пурсиши хеш ҷавоб гирифтем.

– Дар Муроҷиатномаи сарвари давлат ба Олий Маҷлис ва халқ таъкид шудааст, ки «сиёсати кушоди ҳолоина, афзудани сармояҳои хориҷӣ ва корхонаҳои нав боиси он мегардад, ки ҷавононамон ба донишгоҳи замонавӣ ва омӯхтани забонҳои хориҷӣ азм намоянд. Аз ин боис, бояд ба мактабҳо омӯзгорони баландмалакаи хориҷиро даъват кунем», – гуфт Юсуф Неъматович. – Бинобар ин дар донишгоҳи мо омӯзгорони хориҷӣ танҳо ба забони англисӣ таълим медиҳанд. Бешубҳа, дар соли 2023, ки Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат эълон шуд, ба комёбиҳои назаррас ҳоҳем расид.

– Юсуф Неъматович, муштариёни рӯзнома мепурсанд, ки мақсад аз ташкил кардани донишгоҳ чист?

– Дар Ўзбекистони Нав ҷорӣ намудани интегратсия ва технологияи ҷаҳонӣ хеле муҳим аст. Ба ин хотир аз моҳи сентябри соли равон дар мактаби олии мо марказҳои омӯзиши забонҳои Ғарб ва Шарқ, мактаби тайёркунии довталабон, информатика ва робототехника, Марказӣ Самарқанд – Калифорния оид ва ғояҳои тадбиркорӣ ва инноватсия фаъолияти худро оғоз мекунанд.

Инчунин, нақша дорем, ки соли равон бо кумаки мутахассисони Куриёи Ҷанубӣ факултаи муҳандисони энергетикаро ташкил кунем.

Дар оянда факултаҳои муҳандисони нафту газ, химиё, геология, эҳёи муҳити зист низ ташкил карда мешаванд.

– Ҳоло донишгоҳи нав дар бинои коллеҷи нақлиёти шаҳри Самарқанд иҷоранишин аст?

– Бале, бинобар ҳамин муассиси мо аз лаби дарёи Зарафшон 45 гектар замин гирифт, ки 6 гектари он барои биноҳои хушсохти замонавии донишгоҳи мо пешбинӣ шудааст. Аллакай корҳои сохтмон оғоз ёфтанд. То охири сол барои 1000 нафар донишҷӯ бинои панҷқабатаи таълимӣ, ташхисхонаи секабата, китобхона, толори варзиш, ҳуҷраҳои истиқоматӣ, ҳавзи оббозӣ, боғи истироҳат ба истифодабарӣ супурда мешаванд. Ду автобус аз пагоҳии барвақт то нисфи шаб байни донишгоҳу маркази шаҳри Самарқанд равуо мекунад, ки то донишҷӯён аз азоби роҳ халос хуранд.

– Рамз – эмблемаи донишгоҳ, ки утоқи кории шуморо зеб медиҳад, диққати касро ҷалб мекунад...

– Оре, – мусоҳибам хушҳолона аз ҷояш хест ва ишоратҳ-ўбро ба даст гирифта шарҳ дод, – диққат кунед, ана, болои китоби кушод чароғи шуълавар ҳаст. Гузаштагони мо Ҳаким Фирдавсӣ, аллома Ибни Сино, муҳаддисони маъруф Имом Бухорӣ, Хоразмӣ, шоирони бузург Умари Хайём, Шайх Саъдӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Мирзо Улуғбек ва дигарон дар паси чунин чароғ нишаста, асарҳои безаволу оламшумули хешро офаридаанд.

Мо бо чанд бостоншинос, олим, меъмор ва мусаввир нишаста, хеле фикр кардем, ки рамзи донишгоҳро офарем. Ва гумон мекунам ба мақсад расидем. Рамз воқеан пурмаъно ва ҷаззоб аст. Бинобар ҳамин ҳар пагоҳӣ ба утоқи корӣ ворид шуда мегӯям: – Шуълавартар бош, чароғи дониш!

– Юсуф Неъматович, имрӯз барои шумо ид болои ид – ҳам зодрӯз дореду ҳам яксолагии донишгоҳ. Мо аз фурсат истифода бурда, шуморо аз номи муштариёни рӯзнома табрик мегӯем ва бароятон тамоми хушиҳои зиндагиро таманно мекунем.

– Як ҷаҳон ташаккур!

Суҳбаторо
Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Вилояти САМАРҚАНД.

Аксбардор:
Баҳодури ЗОҲИР.

ХИДМАТРАСОНӢ БЕҲТАР ГАРДИД

Дар ноҳияи Ҷалақудуқи вилояти Андиҷон маркази нави хидматрасонии давлатӣ ба фаъолият оғоз намуд.

Бинои нави марказ дар асоси меъёри шаҳрсозӣ барпо гардида, барои ходимон ва мизоҷон шароити мусоид муҳайё гардидааст. Ин ҷо сохтори навбатгирии электронӣ, киоски маълумотгирӣ, гӯшаи электронии худхидматрасонӣ, хонаҳои инвесторон, нуқтаи пешниҳоди картаи ID ва шиносномаи биометрӣ, шуъбаи бонк ҷойгир шудааст.

Дар марказ ба мақсади маълумотгирии шаҳрвандон оиди имкониятҳо ва фоидабарӣ аз хидматҳои давлатӣ овезаҳо ва плакатҳо овехта шудаанд.

Ба ғайр аз ин, аз хидматҳои давлатӣ ба таври экстериториалӣ, яъне сарфи назар аз манзили дар рӯйхат истода, истифода бурдан мумкин.

Марказ имкони аз 190 намуди хидмат истифода бурданро муҳайё намудааст. Дар монторҳое, ки дар зали интизорӣ насб шудаанд, оиди навгониҳои хидматрасонӣ роликҳое нишон дода мешаванд, ки ба болоравии сатҳи дониши ҳуқуқии аҳолӣ хидмат мекунанд.

Дар ин бинои нав вуҷуд доштани шуъбаи адлия, маркази хидматрасонии ҳуқуқӣ ва шуъбаи қайди навиштани далолатномаҳои ҳолати шаҳрвандӣ ба аҳолӣ қулаиҳо фароҳам меорад.

Дар суратҳо: *дар маркази хидматрасонии давлатии ноҳияи Ҷалақудуқи вилояти Андиҷон.*

Суратгир:
З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).

Мактаби мо таърихи худро дорад ва дар ноҳияи Сайҳунобод яке аз ду мактабе ба шумор меравад, ки таълим пурра бо забони тоҷикӣ аст. Тӯли солҳо дар ин маскани муқаддас омӯзгорони ботаҷриба шогирдони зиёдро тарбия кардаанд, ки аз байни онҳо намояндагони бузурги илму фан ба камол расида, баҳри рушди давлат, тараққиёти фарҳанг, фаровонии рӯзгори мардум саҳм гузоштаанд.

МАКТАБ ДАР РЕЙТИНГИ НОҲИЯ АВВАЛИН АСТ

Ҳоло дар мактаби мо 167 нафар хонанда таҳсил мегиранд, ки ба онҳо беш аз 20 нафар омӯзгор таълиму тарбия медиҳанд.

Дар мактаб аз рӯйи самтҳои мусиқӣ, технологияи ахбор, варзиш, фанҳои аниқу табиӣ ва ҳунармандӣ фаъолияти маҳфилҳо ба роҳ монда шудааст.

Боиси эътироф аст, ки дар соли таҳсили 2021-2022 ҷамъ 7 нафар хонанда синфи ёздаҳумро хатм карданд ва аз онҳо 4 нафар донишҷӯи муассисаҳои таълими олӣ гардиданд. Ин нишондод нисбат ба солҳои пешин хеле беҳтар аст. Чунки дар рейтинги миллӣ мактаби мо миёни мактабҳои вилояти Сирдарё ҷойи шашумро ва дар миқёси ноҳия мақоми якумро ишғол кард.

Инчунин, як гурӯҳ донишомӯзон дар зинаҳои ҳududии олимпиадаҳои фаннӣ иштирок карда, ҷойҳои ифтихориро ба даст оварданд. Аз ҷумла, хонандаи мактаб Зерда Иваздотова дар зинаи вилоятии олимпиада аз фанни забон ва адабиёти тоҷик ҷойи сеюмро соҳиб гардида, аз ҷониби шуъбаи таълими халқ бо 900 ҳазор сӯм мукофотпулӣ сарфароз гардонда шуд.

Донишомӯзи мактаб Ашурбек Раупов бошад, аз фанни математика дар зинаҳои ҳududӣ иштирок карда, ҷойи ифтихориро ба даст овард.

Таҳти ташаббуси директор Исмат Мирзоев бобати беҳсозии сифати таълим, афзунсозии теъдоди донишомӯзони аълохон, беҳтар кардани самаранокии муаллимон чорабиниҳои муҳим амалӣ мешавад.

Дар мамлакатамон эътибор ба муаллим ва мураббиён меафзояд. Маоши кормандони соҳа бамаротиб зиёд шуда, барои омӯзгорон имтиёзҳои зиёд роҳандозӣ ва имкониятҳо фароҳам оварда мешавад. Аз ҷумла, гирифтани тоифа хеле сода карда шуд. Акнун омӯзгорон метавонанд вақти дилхоҳ барои гирифтани тоифа аз санҷиш гузаранд. Омӯзгорони мо низ дар санҷишҳо барои гирифтани тоифа ба таври ғайринавбатӣ иштирок карда, натиҷаҳои назаррасро ба даст меоранд, ки ин аз масъулиятшиносии муаллимон далолат медиҳад.

Рауф РАУФОВ,
омӯзгори мактаби рақами 19-уми ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё.

МАШҒУЛОТ БАРОИ МУАЛЛИМОН

Дар рӯзҳои таътил аз ҷониби равоншиносон дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо мақсади кумаки иҷтимоию психологӣ ба муаллимон, пешгирии стрессҳои касбӣ ва кайфияти мусбат машғулоти психологӣ ташкил карда шуданд.

Стресс ҳолати аз ҳад зиёди ҳаяҷон ва асабоният аст, ки дар натиҷаи таассуроти қавӣ дар одамон ба вуҷуд меояд. Чунин ҳолати психологӣ ва ҳолатҳои афсурдагӣ дар ҳар як касб мушоҳида мешавад. Дар машғулияте, ки дар мактаби миёнаи рақами 75-уми ноҳияи Чуст барпо гардид, бори дигар дар ин хусус таъкид карда шуд. Равоншиноси мактаб Гулбаҳор Ҳамидҷонова дар бораи ҳадаф ва вазифаҳои тренинг чунин гуфт:

– Мақсади асосии баргузории тренинг баланд бардоштани рӯҳияи кормандони педагогӣ, пешгирии стресс ва рағбатнок кунондани омӯзгорон ва роҳбарони фаъоли синфҳо мебошад, ки давоми сол бо равоншиносони мактаб кори самаранок ташкил кардаанд.

Дар тренинг, ки ҳамкасбам Нодирабегим Аюбова ташкил кард, на танҳо педагогҳо, балки кормандони техникӣ, ки дар ҷамоамон кор мекунанд, низ бо шавқу ҳавас иштирок карданд.

Мушкилоти бамиёнгузоштаи иштирокчиён ислоҳ карда шуданд. Тавассути машқҳои ҳавасмандгардонӣ ба фаъолияти нави педагогҳо қуввaю ғайрати нав бахшида, машқҳои амалие, ки ҳамфикрии ҷамоаро баланд мебардоранд, иҷро карда шуданд. Дар натиҷа руҳияи иштирокчиён болида гардид.

Дар анҷоми чорабинӣ омӯзгороне, ки дар давоми фаъолияти худ ба натиҷаҳои хуб ноил гардида, бо равоншиносони амалкунандаи мактаб мунтазам ҳамкорӣ мекунанд, аз ҷониби маъмурияти мактаб тақдиронида шуданд.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори
“Овози тоҷик”
дар вилояти Намангон.

БА НИЗОМИЁН ХОНАҲОИ НАВ СУПУРДА ШУД

Дар маҳаллаи Шодлики ноҳияи Мирзо Улуғбеки пойтахт ба як гурӯҳ низомиён, ки дар сафи Қуввaҳои Мусаллаҳ хидмат мекунанд, калидҳои яке аз хонаҳои нави 25 ошёна тантанавор супурда шудаанд.

Дар ин тантана як гурӯҳ роҳбарони ташкилоту муассисаҳо, роҳбарияти округи ҷанубӣ-шарқӣ ширкат варзиданд. Иҷрокунандаи вазифаи ҳокими шаҳри Тошканд Бахтиёр Раҳмонов дар баромадаш қайд кард, ки солҳои охир ҳукумат барои беҳтар намудани аҳволи иҷтимоии низомиён ғамхориҳои зиёд зоҳир мекунад.

Ба 150 нафар низомие, ки то ҳанӯз соҳиби хона набуданд, калиди хонаҳоро супориданд.

Ҳоло дар ҳудуди маҳалла корҳо оиди мумфарш кардани роҳҳо, таъмиру таҷдиди мактаби таълими умумӣ, поликлиникаи оилавӣ ва идораи маҳалла муташаккилона бурда мешаванд.

– Мо чанд сол боз дар иҷора менишастем. Имрӯз бароямон рӯзи хурсандист ва онро ҳеч гоҳ фаромӯш нахоҳем кард. Аз фурсат истифода бурда аз номи тамоми оилаҳои низомиён, ки имрӯз соҳиби хона гаштанд, ба Президент ташаккур мегӯям, — гуфт дар сӯҳбат Насиба Азимова.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори “Овози тоҷик”.

Суратгир: *муаллиф.*

Акси садо

ОРЕ, МО ТОҶИКЕМ, ЗАБОНАМОН ФОРСӢ БУДУ ҲАСТ

Забон волотарин ва нодиртарин инъоми Офаридгор ба инсон аст, василаест, ки одамон тавассути он бо ҳам тамос мегиранд, мушкилоти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангиро ҳаллу фасл менамоянд. Илму маърифат тавассути забон ташаккул ва рушд меёбад. Ба вижа, забон омили муҳимтарини ҳама гуна рушду пешравӣ ва таъмини сулҳу субот ва фаровониву осудагии мардум будааст.

Зиёданд дар дунё забонҳо. Яке рушд ёбад, дигаре маҳв мегардад. Забонҳои лотинию суғдӣ, бохтарӣ ва ғайра аз қабили забонҳои маҳвгардидаанд, ки имрӯз ба ин забонҳо касе (халқе ё қавме) гуфтугӯ намекунад. Зиёданд забонҳое, ки имрӯз рушду такомул меёбанд. Хушбахтона, забони форсии тоҷикӣ аз ҷумлаи забонҳоест, ки рӯ ба самти рушд ниҳодааст.

Забони модарӣ муқаддас аст. Зеро ҳар яки мо забонро аз модар омӯхтаем.

Забон ояд ба кас бо шири модар,
Аз ин рӯ, асли ҷон аст, асли ҷон аст.

Ҳар як забон таърихи ташаккул ва такомули худро дорад. Забони мо – тоҷикон порсӣ (форсӣ) буду ҳаст. Таърихи ташаккулёбии забони форсии тоҷикӣ тӯлонӣ аст. Олимон се марҳилаи ташаккулёбӣ ва тараққиёти забони форсиро муайян намудаанд:

1.Форсии қадим (асрҳои VI-III пеш аз милод);

2. Форсии миёна (асрҳои III пеш аз милод то VII-VIII);

3. Форсии нав (аз асри IX то ба имрӯз).

Ва ин забонро ба ду гурӯҳ ҷудо намудаанд:

Ғарбии эронӣ: забонҳои форсӣ-тоҷикӣ, курдӣ, балучӣ, толишӣ ва чанди дигар;

Шарқии эронӣ: забонҳои пашту (афғонӣ), осетинӣ, помирӣ ва як идда забону шеваҳои дигар. (Ниг. ба китобҳои “Пажӯҳиш дар тамаддуни ориёӣ”, Душанбе, “Ирфон”, 2006, саҳ. 6; Абдусаматов М. “Форс тили”, Тошкент, “Ўқитувчи”, 1977, саҳ. 9).

Мақсад аз нигориши ин сатрҳо рӯшанандозӣ ба чанд омил аст, ки бояд ҳар як тоҷик хуб дарк ва ҳазм намуда бошад.

Баъзе андеша доранд, ки форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ се забони мустақил ва мухталиф мебошанд. Дар матбуоти тоҷик баҳс оиди як забон ё забонҳои алоҳида будани онҳо беш аз сад сол аст, ки идома дорад. Ин баҳс аз нашри аввалин рӯзномаи форсии Аморати Бухоро – “Бухорои шариф” оғоз ёфта буд. Дар шумораи сеюми “Бухорои шариф” аз 14 марти соли 1912 “Муҷмалӣ дар хусуси забон” ном мақола бо ҷумлаҳои зер оғоз ёфтааст: “Ҳанӯз шумораи аввалини “Бухорои шариф”-ро нашр накарда, баъзе оқоён фармуданд: ин ҷо забони умум (забони аҳли Бухоро – **Ў. Р.**) забони тоҷикӣ аст. Рӯзнома ҳам ба забони тоҷикӣ бошад, беҳтар аст”. Ва яке аз мудирони рӯзнома Мирзо Ҷалол вазъи забони форсии тоҷикиро дар он мақола шарҳ додааст: «Форс миллати махсус буда, дар атрофи олам парча-парча шуда, бисёр аҳвоми махлут гардидааанд. Ба ин ки ҳама як қавманд, мебинӣ, ки бухорӣ забони самарқандӣ, ҳар ду забони хуросонӣ ва ҳар се забони кошонӣ ... намедонанд ва намефаҳманд. Ба ин восита ҳам риштаи қавмест ҳама гусихта шуда, яке бо исми дарӣ, дигаре бо исми порсӣ, дигаре бо исми тоҷикӣ аз ҳам ҷудо шудаанд».

Бад-ин минвол, баҳс дар хусуси забон оғоз ёфт. Ва ҳама эътироф доранд, ки порсӣ (форсӣ), дарӣ ва тоҷикӣ як забонанд, решаи ягона доранд.

“Фелетун дар хусуси забон” ва дар радифи он “Фелетуни кӯчак дар хусуси забон” ном мақолаҳои мубоҳисавии идоманок аз шумораи 7-уми 19 март то шумораи 14-уми 27 март нашр гардид. Дар “Фелетун...”-и аввал ба мактубҳои ба нашрия омада ҷавоб гуфта бошанд, яъне як забон будани форсӣ, дарӣ, тоҷикиро собит намуда, сабабҳои ба қисматҳо ҷудошавии забони форсиро баррасӣ намудаанд. Дар “Фелетуни кӯчак...”, ки ба шакли муколама навишта шудааст, тафовут ва ҳамбастагии шеваҳои форсиву дарию тоҷикӣ возеҳу равшан инъикос ёфтааст.

Бисёр муаллифон (Абдулло Субҳон, Юнуси Имомназар ва дигарон) дариро чун сифати забони форсӣ эзоҳ додаанд. Забони дарӣ забони аҳли дарбор, забони коргузорӣ, забони илму адаб буд... «Меоем ба сари дарӣ – сифати забони форсӣ (тоҷикӣ)... Забони дарӣ, яъне забони дарбор. Дар гузаштаҳои дур забони дарбории порсӣ ё форсӣ аз забони аҳолӣ (авом) фарқ мекард, дарбориён – уламову шуаро ва ашрофиёни тоҷик бо забони мураттаб ҳарф мезаданд, фармони шоҳону амирон низ бо ин забон доир мегардид...» (Абдулло Субҳон, «Овози тоҷик», 6.10.с.2021).

То ба сари қудрат омадани Сомониён аксар аҳолии минтақа ба забони суғдӣ ҳарф мезаданд.”Забони форсӣ ҳафт шева дорад. Аз он ҷумла яке суғдӣ аст, мансуб ба суғди Самарқанд аст. Ва забони (шева)-и порсии хиттаи Мовароуннаҳр буда. Соҳиби китоби “Таърихи Бухоро” Наршахӣ аз “Хазоин ул - улум”-и Абулҳасани Нишопурӣ нақл менамояд: «Бухоро аз ҷумлаи шаҳрҳои Хуросон аст, агарчи оби Ҷайҳун дар миён аст ва забони қадимаи ин хитта порсӣ (суғдӣ) буд». («Бухорои шариф», № 14, аз 27 марти соли 1912.)

Дарбориён, яъне озодагон, ки фаъолияти онҳо ба давраи нави ташаккулёбӣ ва рушди забони форсӣ рост омад, ба он забон ҳарф мезаданд ва коргузорӣ менамуданд. Ва ин забонро дарӣ номиданд, яъне забони дарборӣ, ба маънии забони давлатӣ. Дар ҳақиқат забони дарӣ зинаи нави инкишоф ва рушди ҳамон забони порсӣ (форсӣ)-и қадима буд. Пас, он сифати забони форсӣ будааст. Дар ин маврид набояд касеро шубҳа пайдо шавад.

Пас, ибораи “забони тоҷикӣ” аз кай арзи вуҷуд кард? Чаро забони тоҷикиро чун забони мустақил аз забони форсӣ пазируфтаанд?

Дар ин масъала Абдулло Субҳон назари худро дорад: “... Ба се забон будани як забон боварам намеомад. Намедонистам, ки об аз таҳи ях ҷорист ва сиёсати ҷудоиандози шӯравӣ дар он аҳд як забонро ба се қисмат карда буд...” (“Овози тоҷик”, 6 октябри соли 2021). Бешубҳа, андешаронии шоир асос дорад. Зимни таҳсимоти миллӣ-ҳудудии давлатҳои Осиёи Миёна ҳамзабонии тоҷикон бо мардуми Эрону Афғонистон то андозае таъсир намуда буд. Шӯравӣ аз муттаҳидшавии мардуми кишварҳои ҳамзабон ҳарос дошт. Зеро форсзабонон мардуми бомаърифат ва соҳибмаълумоти Машриқзамин буданд.

(Давомаш дар саҳ.4). ⇨

«СТИПЕНДИЯИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ ҚАШҚАДАРЁ» ҶОРӢ ГАРДИД

Бо қарори ҷамъомади вакилони мардумии вилояти Қашқадарё дар мактабҳои таълими олии қаламрав “Стипендияи ҳокими вилояти Қашқадарё” ҷорӣ гардид. Таъкид мешавад, ин лоиҳа пас аз Муроҷиатномаи Президент ба Олий Маҷлис ва аҳолии ҷумҳурӣ рӯйи кор омадааст, ки минбаъд дар амал татбиқ хоҳад шуд.

Дар Муроҷиатнома ба соҳаи таълиму тарбияи насли наврас эътибори махсус дода шуда, аз кормандони соҳаи маорифи халқ ва ташкилоту муассисаҳои дахлдор куллан беҳбуд бахшидани сифати таълим тақозо шудааст. Ҳамчунин соли 2023 дар саросари кишвар “Соли эътибор ба инсон ва сифати таълим” эълон гардид, ки ба ислоҳоти соҳаи таълим майдони нав кушод. Бояд таъкид кард, ки ҷорӣ гардидани “Стипендияи ҳокими вилояти Қашқадарё” нахустқадаме буда, барои боло бурдани сифати таълим дар қаламрав мусоидат хоҳад кард. Ин иқдом рағбати кулли донишҷӯёни макотиби олиро барои фаро гирифтани илми замонавӣ бедор месозад.

Дар низомномаи кор сабт гардидааст, ки соҳибони стипендия дар асоси сабқати махсус, ки интизор меравад то моҳи сентябри соли ҷорӣ ҷамъбаст шавад, муайян мегарданд. Дар сабқат донишҷӯёни зинаи бакалавриати донишгоҳу донишкадаҳои вилоят ҳуқуқи иштирок кардан ро дошта, саводи онҳо аз рӯйи ҳафт талаби низом баҳогузорӣ мешавад. Ширкати донишҷӯ дар озмунҳои фаннӣ, забондонии вай, дониши ӯ аз таърихи Ўзбекистон, иштирок дар конференсияҳои илмӣ, саводи кофӣ дар илми муосири ахбор ва технологияи нав, ҳузури фаъол ба дарсҳо аз ҷумлаи талабот мебошанд. Барои шаффоф гузаштани давраҳои озмун ва аниқ кардани ғолибони он ҳайати босалоҳияти доварон интихоб шудааст. Тибқи низомномаи озмун ба 14 донишҷӯёни беҳтарин, ки савияи донишу маърифати онҳо ҷавобгӯйи меъёри муқаррашуда аст, гирифтани стипендияи мазкур насиб хоҳад кард.

Ғолибони имсолаи озмун аз моҳи сентябри соли 2023 ҳуқуқи дастрас кардани маблағи таҳти назарро, ки бештар аз 900 ҳазор сӯм мебошад, пайдо мекунанд ва он то моҳи июни соли 2024 идома меёбад.

Шариф ХАЛИЛ,
мухбири
“Овози тоҷик” дар вилояти Қашқадарё.

ОРЕ, МО ТОҶИКЕМ, ЗАБОНАМОН ФОРСӢ БУДУ ҲАСТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Бояд иқрор кард, “ба се қисмат” кардани забони форсӣ хеле пеш оғоз ёфта, то миёнаҳои солҳои 30-юми асри сипаригардида идома дошт. Дастбакорони рӯзномаи “Бухорои шариф” ба ин масъала низ дахл намудаанд. “Забони қадимаи ин хитта (Мовароуннаҳр ва Хуросон – **Ӯ. Р.**) порсӣ буд. Иллати хароб шудани забони форсии ин кишвар аз тасаллути муғул буд...

Пас аз хуруҷи Чингизхон форс (тоҷик)-ҳои ин кишвар ба иҷолаб махлути қотӣ ва аралаш шуда, забонашон хароб ва вайрон шуд. Ба вазъе омад, ки онро (ҷиҳати имтиёз аз форсӣ) тоҷикӣ меноманд. Бале, забони аҳолии тоҷикияи (тоҷикон – **Ӯ. Р.**) Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Ӯротеппа (Истаравшан) аз фасоҳат дур ва аз қоида берун аст, сабабаш ҳамон аз ихтилоти ӯзбак ва тоҷик аст”. (“Бухорои шариф”, № 4 аз 27 марти соли 1912).

А. Субҳон дар мақолаи хеш овардааст: “Вақте ба сарчашмаҳои таърихиву адабӣ муроҷиат мекунем, мебинем, ки аз замонҳои хеле қадим дар Осиёи Марказӣ қавме бо номи тоҷик будубош доштааст”. (“Овози тоҷик”, № 78, аз 6 октябри соли 2021). Ин тезиси муаллифро бо чанд далелу санади таърихӣ тақвият мебахшем. Доктори илмҳои таърих, профессор С. Бобомуллоев басе кори савоб ва шоистаро анҷом додааст. Ӯ китоберо бо унвони “Таджики в источниках и трудах исследователей” (Душанбе, “Истеъдод”, 2013) ва баъдтар бо ҳамроҳии Насрулло Убайдуллоев китоби “Таджики в источниках и трудах исследователей. (Материалы по истории таджиков)” (Душанбе, “Дониш”, 2018, 536 саҳифа)-ро ба дасти чоп додаанд. (Минбаъд дар иқтибосҳо “Таджики”, соли нашр ва саҳифаи китоб зикр карда мешавад). Дар ин ду маҷмӯа маводи зиёди таърихӣ оиди тоҷикон ва забони онҳо аз сарчашмаҳои хаттии хитоиву тибетӣ, арманӣ ва осори зиёди муҳаққиқини русу аврупоӣ гирдоварӣ шудаанд.

Зимни мутолиаи маҷмӯаҳо кас ба хулосае меояд, ки қавм ва забон ҳамеша муродиф набудаанд. Кулли сарчашмаю осори таърихиву бадеӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳудуди Хуросон ва Мовароуннаҳр аз замонҳои қадим қавме бо номи тоҷик буду бош дошта, забони онҳо порсӣ (форсӣ) будааст. Бо овардани чанд санад қонеъ намуда, пайдоиш ва таҳлили сайри таърихии истилоҳи “тоҷик”-ро ба мавриди дигар боқӣ мегузорем.

Агатангелос, муаррихи арман, нимаи аввали асри V: “кишвари тачик”,«Тачкастан» (“Таджики”, 2013, саҳ. 12); Эзоҳ: (Истилоҳоти «тачик» ва «Тачкастан» дар сарчашмаҳои арманӣ нисбати арабҳо истеъмол мешуд. Ниг. ҳамон ҷо, саҳ.12).

Мовсес Хоренатси, муаррихи арманӣ, солҳои 410-490 зиндагӣ кардааст: “Саҳрои Тачкастан”, (“ҳамон ҷо, саҳ. 11);

Себеос, нависандаи асри VII: “Аруастан ба ӯ дар ҳудуди тоҷикон ва Сурия тобеъ шуд” (“Таджики”, 2013, саҳ. 12);

“Ҳамаи инро аз мардоне шунидем, ки тоҷикон ба асирӣ мебурданд”. (Ҳамон ҷо, саҳ. 13);

Н. В. Хаников, мардумшиноси рус: “... дар Бохтари қадим ва Суғд, бешубҳа дар Бухоро, Балх ва Афғонистон тоҷикон забони форсиро забони модарӣ эътироф доранд.(“Таджики”, 2018, саҳ. 47); Карл Риттер, муаррихи франсуз: “Тоҷикон мардуми босаводу пешрафтааند ва тамоюли зиёд ба санъат доранд, нисбати кӯчманчиёни ғоратгар ... ” (Ҳамон ҷо, саҳ. 38);

А. Д. Гребёнкин, муаррих ва кишваршиноси рус: “Тоҷикон намояндагони тамаддун (ренессанс)-и аҳли башар мебошанд”. (Ҳамон ҷо, саҳ. 81);

Соҳиби тамаддун будани тоҷиконро Юсуф Хос Ҳоҷиб (а.XI) эътироф доштааст.

Тожиклар китобда битишган буни,
Битигда бўлмаса, ким ўқар уни?

(“Кутадғу билиг”, Тошканд, “Ўзбекистон”, 2019, саҳ.20).

Яъне, тоҷикон инро дар китоб навиштаанд, агар навишта намешуд, онро кӣ мехонд?

Ва мисолҳо дар адабиёти мумтози мо зиёданд, ки вожаи “тоҷик” ба сифати қавм омада:

Нигори турки тоҷикам кунад сад хона вайрона,
Бад-он мижгони тоҷиконаву чашмони туркона.

Фонӣ (Алишер Навоӣ).

***

Ӯ турк буду ман тоҷик,
Лек дорем хешии наздик.

(Абдураҳмони Ҷомӣ).

Ҳамин тавр, пас аз муҳокимаронихо хулоса ин аст, ки ҳамаи сарчашмаҳои таърихиву адабӣ аз қадимият ва фарҳанги пешрафтаи мардуми тоҷик дарак медиҳанд, на аз мавҷуд будани ибораи забони тоҷикӣ. Мардуми тоҷик адабиёт ва фарҳанги оламгири ҳудро ба забони форсӣ офаридааند. Имрӯз низ ин эътироф байни аҳли адаб ва бисёр ҳаводорони таъриху адабиёти миллат пойдор мондааст. Инак чанд намуна аз абёти адибони дигар:

Бингар, бингар ба Бухоро,
ширин ғазалест форсӣ,
Шаккар, шаккар ба Самарқанд қанду
асалест форсӣ.

***

Аз Шом то ба Қошғар, аз Ҳинд то Хуҷанд,
Оинадори олами болост форсӣ.

***

Лаҳҷаам дурри дарӣ, аммо забонам
порсист,
Рӯҳи ман «Шаҳнома» асту ҷисму ҷонам
порсист.

***

Хоҳӣ дарӣ бихонаш ва хоҳ тоҷикӣ,
Дар се намод нур яктост – порсӣ.

Ба андешаам, ибораи “забони тоҷикӣ”, ҳамчунин “забони ӯзбекӣ” пас аз истилои Осиёи Миёна аз ҷониби Русияи подшоҳӣ ба миён омад. Ва масъалаи забон дар ибтидои садаи XX боз ҳам тезу тундтар гардид. Аксари равшанфикрони Бухорову Самарқандро, ки ибтидои асри XX дар Туркия таҳсил гирифта буданд, рӯҳияи бегонапарастӣ фаро гирифта буд, ба тафаккури мардуми омӣ бештар таъсиргузор будааند.

Бо як хулосаи профессор С. Бобомуллоев ба ин сатрҳо хотима мегузорем: “То асри XVI, то ба сари ҳокимият омадани сулолаи Сафавиҳо, ҳамаи мардуми эронинажод, ки ба забони форсӣ ҳарф мезаданд, дар манбаъҳо бештар бо номи «тоҷик» ёдоварӣ карда мешаванд. (“Таджики”, 2013, саҳ. 278).

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
таърихшинос.

Ба муносибати 70-солагии нависанда Бахтиёри Ҷумъа

НАВИСАНДАИ ҲАҶВНИГОР

Қалам ва қаламкаш баробар мехобанд, дам мегиранд ва меҳнат мекунанд. Қалам то сари ҳудро хам накунад, мақсади қаламкаш маълум намегардад. Он чи дар тахайюлоти қаламкаш аст, қалам ҳарф ба ҳарф, нуқта ба нуқта сабт мекунад ва ба хонанда мерасонад.

Ин нуктаҳоро ҳаҷвнигори мардумӣ ва болаёқати самарқандӣ аз бачагию наврасӣ кашф кардааст. Вай аз бачагӣ китобдӯсту китобхон буд.

Бахтиёр ба касе тақлид ё пайравӣ накардааст. Худи ҳаёт мавзӯъҳои рангорангро ба вай туҳфа намудааст. Ӯ як воқеаи хурдакаки ночизро гоҳ ҳикояти завқовари намакин, гоҳ ҳазл, гаҳе мутойиба, гаҳе қиссаи калоне сохта метавонад.

Дар адабиёти ҷаҳон жанри хандаоварро асосан ба ҳаҷв ва мутойиба гурӯҳбандӣ намудааند. Ба жанри сатира асарҳои хурд ё калони ҳаҷвие дохил мешавад, ки камбудию норасоиҳои ҷамъиятро зери тозиёнаи танқид гирифта, бо лутфу танзҳои нишонрас хонандаро гаҳе ба фикр кардан маҷбур месозанд, гаҳе боиси хандаи тамасхуромезе мегарданд.

Юмор, яъне жанри мутойиба – хандаи лаҳзаинаи беозор мебошад. Вале қудрати тарбиявӣ дорад. Хонанда баробари завқу шавқ гирифтан, минбаъд аз баъзе рафторҳои нопоку дар миёни мардум нобоби худ даст ҳоҳад кашид.

Бесабаб нест, ки Бахтиёри Ҷумъа номи як китоби пур аз ҳикояҳои ҳаҷвии худро «Дорои дарозумрӣ» ниҳодааст. Чунки вай кайҳо медонад, ки «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт»-и Авфии Бухороӣ, «Боғи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ, «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, ҳаҷву мутойибаҳои Абдураҳмони Мушфиқӣ, «Марги судхӯр»-и Садриддин Айнӣ, ҳикояҳои ҳаҷвии Раҳим Ҷалил, Абдусалом Деҳотӣ асарҳои саршор аз ҳазлу гуфторҳои завқовар буда, мардумро ҳамчун оҳанрабо сӯйи худ кашидааند. Ин марди заковатнманд на танҳо адабиёти миллии хеш, балки адабиёти ҷаҳон, паҳлӯҳои тозаи ҳаҷвнависиро дақиқ омӯхтааст. Умуман, аз намояндагони Юнони Қадим – Аристофан Горатсий ва ғайраҳо сар карда, то асарҳои ҳаҷвии Грибоедов, Гогол («Ҷонҳои мурда», «Муфаттиш»), Чехов хондааст ва асрори ҳаҷвнависӣ омӯхтааст. Хонданӣ ҳаҷвӣ Азиз Несин ҳам боиси ҷасорату рӯиростгӯии ӯ гардидааст.

Бахтиёр кайҳост, ки бо ҳаҷвӣ худ ба шахсони беҳавсалаву бепарво ғайрату шавқу завқи зиндагӣ мебахшад. Ба шуури хобидаи одамон (пиру ҷавон) ҳозирҷавобию хушчақчақӣ ато менамояд.

Китобҳои Бахтиёрро варақ зада дубора боварӣ ҳосил мекунам, ки навиштани жанри хурдтарини асари бадеӣ – ҳаҷв чи қадар дониш, заҳмат, чашми тезбин, ҳозирҷавобӣ, шабзиндадорӣ, сабру тоқат мехоҳад. Бар замми ин ҳаҷвияҳои ӯ навозишу зарбаҳои гуногунро дорост. Ҳар шахсе, ки як мутойиба ё ҳаҷвияи хурдакаки адиброҳонад, чанд рӯз хурсанд мегардад.

Ҳикояҳои чопшудаи ҳаҷвнигор аз шашсад зиёд аст. Сатрҳои шӯхи ҳазломез, ҳаҷвияҳои нишонрас ва саҳначаҳои навиштаашро илоҷи шумурдан нест.

Мавзӯи ҳикояҳо ҳаётианд. Бинобар ин, онҳоро классификатсия кардан сохтакорӣ аст. Мавзӯъҳои оилавӣ (гуфтугӯҳои ҳазломез миёни зану мард, миёни бобою набера ва ғайра) хеле ба дил наздику табиӣ буда, ба мардуми омию одӣ маъқуланд. Ҳикояҳое, ки мавзӯъҳои иҷтимоиро дар бар гирифтаанд, ҳам пурқуввату ҳам нишонрас мебошанд. Нависандаи ҳаҷвнигор бо услуби гуфтугӯӣ ва лафзи одии омиёна ба ҳар як ҳикояти худ сужети хандаовар ёфтааст. Муаллиф, ки шахси зираку табиатан ҳозирҷавоб аст, ҳамаи қаҳрамонҳояш ба худаш монанданд. Масалан, дар хурдтарин ҳикоя, танҳо бо як муколама мушкили муҳими ҷамъиятиро ошкоро ба қалам медиҳад:

«– Дар ҷойҳои шумо чароғи барқӣ ҳомӯш мешавад?

– Не. Фақат ҳафтаҳо дар намегирад».

Ғайр аз мазмуни тезутунд, нависанда бо синонимҳо («хомӯш» ва «дарнамегирад») калимабозӣ карда, хонандаро маҷбур месозад, ки ба забони асар эътибор диҳад.Чунки агар рӯякӣ хонад, ба асли воқеа сарфаҳм нарафтанаш мумкин.

Баъзе ҳикояҳоро хонед, ҳам дониш мегиред ва ҳам механдед. Таваҷҷӯҳ кунед, боз ба як муколамаи мантиқӣ:

«– Хӯрокҳои пухтаам чӣ хел?

– Ганда не, ака, хӯред мешавад».

Ин ҷо ҷумлаи «Хӯред мешавад» маънии духӯра пайдо кардааст. Яъне онро нахӯрдан беҳтар.

Дар ҷамъият мушкилот кам нест, ки барои ҳаллу фасли онҳо одамон пайваста мекӯшанд. Муаллиф ҳам ба танг омада, ҳикояти «Филиалҳои дармонгоҳ»-ро чунин ба қалам додааст:

«Марде дар назди дармонгоҳ гадоҳои садақаталабро дида, аз ҳайрат шах шуд. Ҳайрати ӯро мулло Мушфиқӣ дида, гуфт:

– Ҳайрон нашавед, бародар, духтарони падарқусури поликлиника бало, шуъбаю филиалҳои худро дар берун ҳам ташкил кардааند».

Ҷавоби Мушфиқӣ албатта, ҳар як хонандаро ҳам ба ханда водор месозад, ҳам ба андеша.

Тору пуди ҳаҷвияҳои хурду калони Бахтиёрро хоҳ барои хурдтаракон нависад, хоҳ барои калонсолон, танқид ташкил медиҳад.

Дар ҳикояи «Олими кӯчарӯб» нависанда олими донишманд, вале сабукфикреро сахт мазаммат карда, чӣ тавр барои пулёбӣ дар хорича кӯчарӯб шуданашро нақл кардааст. Хонанда баъди мутолиаи ин ҳикоя хулосае мекунад: олим чунин хато кунад, шогирдон чӣ кунанд?

Бо мурури замон ҳикояҳои Бахтиёр ба худ ҷомаи фалсафӣ пӯшидааند.

Масалан, дар ҳикояи «Қарз» марде сабаби қарзпурсии ҳамсояро фаҳмида, ӯро сарзаниш мекунад: «Ба ҷои пул ба укаатон ё роҳи пулёбӣ ё ягон касб омӯзонед».

Албатта, ин услуби нигориши ҳаҷвнигор хонандаро ба тафаккур маҷбур месозад.

Ногуфта намонад, ки аксари ҳикояҳо пандомез бошанд ҳам, аз шираи онҳо лаби хонанда майли табассум мекунад.

Бисёр ҳикояти латифаҳои муаллиф дорои сарлавҳаҳои дилнишин буда, баъзеашон ғояи ҳикояро ифода мекунанд.

Бо такя ба таҳлилҳо ва мушоҳидаҳо гуфтан мумкин аст, ки Бахтиёр услуби нави ҳикоянависиро ихтиёр намудааст. Ҳамаи муваффақиятҳо шояд натиҷаи меҳнати пайваста, таҷрибаи зиндагӣ ва огоҳӣ аз осори бузургон бошанд.

Ҳикояҳои ҳаҷвии китоби «Мошкичирӣ» хонданибобанд.

«Мошкичирӣ» аз 25 ҳикоя иборат буда, ҳар яке дорои сужети хандаовар аст. Акнун муаллифи таҷрибадор дар як ҳикоя якчанд қаҳрамони базлагӯйи ҳозирҷавобро офаридааст, ки хонанда баъди мутолиаи ҷиддӣ ҳам механдад ҳам тафаккур мекунад: «Наход дар ҷамъияти мо ҳамин гуна воқеаҳо рӯй медиҳанду хабар надорем?»

Хонанда ҳикояи «Ин дафъа»-ро хонда, бо шахсони чоплусу хушомадгӯ рӯбарӯ шавад, «Якта имзоча монед»-ро хонда, ба чашми тезбину қалами буррои ҳаҷвнигор аҳсант мегӯяд. Ҳикояҳои ин китоб пурра дар жанри сатира навишта шудааند. «Якта имзоча монед» характери фелетонро дар худ ҷойгир намудааст. Бо як варақ коғазу якчанд имзои сохта, «ташкилоту командаҳо» «бунёд» намудани ҳангоматалабони номардро саркӯб намудани муаллиф лоиқи эҳтиром аст.

Иллатҳои иҷтимоиро фош намудан як вақтҳо ҳаёти ҳаҷвнигоронро ба хатар мегузошт. Вале ошкорсозии баъзе ҳаракатҳои ғайриқонунии «корчаллонҳо», ки ба нони ҳалоли мардум мисли калхот чанг меандозанд, ба назари ҳаҷвнигорон савоб аст.

Бо таҳлили мазмуни як-ду ҷумла, албатта ба истеъдоду зарби қалами муаллиф баҳои воқеӣ дода намешавад. Вале ба ҳар як ҷумла, ки тобишҳои фикрии гуногунро дороянд, қоил нашудан мумкин нест. Чунин услуби навиштан солҳо боз дар комбайни фикргузории Бахтиёр пухта расидааند.

Боз як чизи муҳим, ҳаҷвнигори дӯстдоштаи самарқандӣ алҳол танҳо дар зодгоҳи худ не, балки миёни мардуми ҳаҷвдӯст номдор гардидааст. Тарҷумаҳои қаламиҳои ӯро аз рӯзномаву маҷаллаҳо, даҳони масхарабозҳои барномаҳо, аз сайтҳои интернетӣ мехонанду мешунаванд.

Замоне дар компанияи телевизионии «Ханда» саҳначаҳои хандаовари Бахтиёрро намоиш медоданд. Афсӯс, ки барномаи интизоркашидаи тамошобинонро филмҳои ҷангараю намоишҳои такрор ба такрор забт намудааند.

Алҳол муаллиф «Саҳначаҳои ҳаҷвӣ»-и худро ба чоп омода кардааст. Инчунин, чандин асари чопнашудаи Бахтиёр дар ҷузвдонҳо хобидааند.

Дар ин якчанд сатр дар мавриди ҳар як асари Бахтиёри Ҷумъа маълумот додан имкон надорад. Дар хусуси асарҳои «ҷиддӣ»-и устод (қиссаву ҳикояву қатраҳо)-ро шояд ноқидон мавриди таҳлил қарор медиҳанд. Умед дорем, ки олиму таҳқиқгарони ҷавон дар омӯзиши қимати асарҳои бо заҳмат иншогардидаи адиб ҳимматашонро дареғ намедоранд.

Бахтиёри Ҷумъаро муҳит кайҳо устоди комил намудааст. Ӯ худ нафаҳмида, ба синни муборакӣ 70 ҳам расидааст. Вале ҳанӯз ғайрату шуҷоаташ устувор. «Дастгоҳу завод»-ҳои эҷодиаш шабу рӯз кор мекунанд. Ҳатто ҳангоми хобидан ҳаҷвияҳоро дар майнааш сабт мекунад.

Маҳбуба ТУРСУНОВА,
узви Иттифоқи
нависандагони Тоҷикистон.

МАҚСАД – ЁРИИ БОСИФАТИ ТИББӢ

Президент Шавкат Мирзиёев дар Муроҷиатномаи худ ба Олий Маҷлис ва халқи Ӯзбекистон таъкид намуд, ки Самарқанд чун бузургшаҳри дунё ба маркази саёҳӣ ва тиҷорати байналхалқӣ табдил меёбад. Аз ин рӯ он ба сифати воҳиди алоҳидаи маъмуриву ҳудудӣ ба тобеияти ҷумҳурӣ гузаронида мешавад.

Бешубҳа, дар рушду нумӯи шаҳри азизамон ба роҳ мондани хидмати шоистаи тиббӣ низ хеле муҳим аст. Бинобар ҳамин ҳам ҳоло дар шифохонаи марказии шаҳр корҳои ободонӣ ва тармиму таъмир авҷ гирифтаанд.

Чанде пеш шуъбаи реаниматсияи беморхона аз таъмири хушсифат баромад ва аввалин беморонро қабул кард. Мо ба ҳамин муносибат бо дигаргуниҳои ҷолиби диққати шуъба шинос шудем.

– Дар мо бист сол боз корҳои таъмиру тармим гузаронида нашуда буданд, – гуфт мудири шуъба Мансур Бекмуродов. —Хушбахтона, ҳоло он рӯҳи тоза ва чеҳраи дилнишину гуворо гирифт. Шумо, ба мақоли «шунидан кай бувад, монанди дидан» амал карда, атроф ва дохили онро як давр занед ва баъд таассуроти худро нависед.

Мо бо роҳбаладии собиқ мудири ин шуъба, шифокори соҳибтаҷриба Ҳабибулло Муртазоев хонаҳои табобат ва ташхисро аз назар гузаронида, ба устоҳои гулдаст тасанно хондем. Зеро долону хонаҳо воқеан зебо буданд. Аз ҳама муҳимаш бо асбобу анҷоми тиббии замонавӣ аз хориҷа муҷаҳҳаз шудааند.

– Шуъба пештар ҳамагӣ шаш кати табобатӣ дошт, – гуфт Ҳабибулло Муртазоев, – ҳоло ба 15 адад расидааст. Ба як бемор як табиб ва ду ҳамшираи шафқат вобаста мебошанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мувофиқи сиёсати дурандешонаи сарвари давлат ба саломатии мардум диққати махсус дода мешавад.

Ба суҳбати мо сарпизишки беморхонаи марказии шаҳр Аҳмадҷон Бобоҷонов ҳамроҳ шуд.

– Камина аз рӯйи вазифа ва ҷадвали кор ҳар рӯз шуъбаҳои табобатхонаро давр мезанам, – гуфт ӯ баъди салому алейк.

Бояд таъкид кард, ки дар шифохона 574 нафар, аз он ҷумла 102 пизишки соҳиби маълумоти олӣ, 280 ҳамшираи шафқат кор мекунанд. Танҳо соли гузашта мо беш аз 18 ҳазор корафтодагонро қабул кардем, қариб 2 ҳазор амалиёти ҷарроҳӣ гузаронида шуд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Дар акс: Аҳмадҷон Бобоҷонов ва ***Мансур Бекмуродов*** дар шуъбаи реаниматсия.

ҶАВОНОНИ МО

Ҷавонон дар ҷомеаи имрӯза қувваи пешбарандааند. Ҳоло бештари онҳо бо таҳсил ва кору пайкори хеш пайи пешрафти ҷамъият ва баланд бардоштани нуфузу обрӯйи кишвари азиз камари ҳиммат бастаанд. Комёбиву муваффақияти онҳо бештар зимни фаъолияти вазифаашон ҳамчун пешбари ҷавонон дар муссисаҳои таълимӣ ва маҳаллаҳо ба назар намоён мегардад.

ҶӮЯНДА ЁБАНДА АСТ

Имрӯз қариб дар сесад маҳаллаи қаламрави вилоят якнафарӣ пешбари ҷавонон бо ёрдамчии ҳоким паҳлӯ ба паҳлӯ истода кору меҳнат мекунанд. Ҳамсолони ҳудро пайи дарк намудани навгониҳои асосии ҳукумат ва огоҳсозӣ аз имкониятҳои барои онҳо фароҳамовардашуда часпу талош доранд.

Дар озмун-азназаргузаронии илмиву амалӣ бо номи «Ҷӯяндаи интеллектуал» пешбари кори ҷавонони маҳаллаи «Амир Темур»-и шаҳри Ҷиззах Нуриддин Алимов, ки дар микёси ДМ мустақил эълон гардида буду шаҳри Тошканд мизбонӣ мекард, ширкат ҷуста, бо нишони «Ҷӯяндаи интеллектуал» сарфароз шуд. Ӯ зиёда аз 25 мақолаи илмии ҳудро пешниҳод намуда, барои баланд бардоштани обрӯву эътибори мамлакатамон саҳми арзанда гузошт.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти ҶИЗЗАХ.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125. Адади нашр 353 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.